# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи “Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. – Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)**

Рамазонзода Давлат Сулаймон 16.06.1983 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2006 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ-ро бо ихтисоси омӯзгори суруд ва мусиқӣ хатм намуда, фаъолияти илмии худро соли 2021 оғоз намуда аст.

Диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

Рамазонзода Давлат Сулаймон дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқарраароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тавсифу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва кордкардҳои бадастомадаро таҳлилу арзёби кардааст, оид ба мавзуи дисертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот 2 - монография ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конфронсҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ таҳия ва нашр карда иштирок ва маърузаҳо кардааст.

Ӯ яке аз унвонҷуёни фаъол буда, вазифаҳои аз тарафи ман дода шударо сари вақт иҷро менамуд. Дар аввали фаъолияташ сарчашмаҳои илмиро ҷамоварӣ намуда, мақсад ва вазифаҳои рисоларо таҷдиди назар карда, дар як давраи муайян назарияро дар амал татбиқ намуд. Инчунин натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои

методӣ коркард ва манзур кардааст. Мавзуи интихоб карда ба ихтисос ва фанни дарсдиҳандааш мувофиқ мебошад.

Дар омода кардани рисолаи илмӣ барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин пайгирӣ карда, онҳоро аз якчанд қисматҳо иборат донистааст, ба монанди: таҳлили хусусиятҳои зуҳурот ва рушди қобилияти эҷодкорӣ дар давраи томактабии рушди кӯдак, баррасии имкониятҳои рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар ташкилу баргузории омузиши ташхиси-бозикунӣ, муайян кардани шароитҳои педагогии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар бозиҳо ва ташкилу баргузории кори озмоишӣ, таҷрибавӣ ва ошкор кардани технологияи рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар фаъолияти мусиқӣ ва бозикунро ҳамчун таҳқиқот зарур шуморидааст.

Рамазонзода Давлат Сулаймон эҷодкориро ҷузъи ҷудонашавандаи мавҷудияти кӯдак меҳисобад ва яке аз зуҳуроти барҷастаи зебоипарастӣ ва эҷодкорӣ санъати мусиқӣ ба ҳисоб мегирад. Тарбияи қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ ҳиссагузор будан дар пешрафти ҷомеаи муосири Тоҷикистон яке аз вазифаҳои мубраму арзишманд ба ҳисоб рафтанро тавсия медиҳад. Инчунин дастоварду комёбӣ, эҷодкориву муваффақияти фарзандон аломату нишонаҳои қобилияту лаёқатмандиро бо ҳамсолон муқоиса намудааст ва барои рушду такомули он шароиту имкониятҳо фароҳам оварданро дар рисолаи илмӣ дарҷ намудааст.

Баҳо додан бо маҳорат, қобилият ва лаёқатмандии кӯдак, муайян намудани шароитҳо барои тарбия ва таълими кӯдакон дар ташаккул додани онҳо барои ҳамкорӣ кардан бо мутахассисон, инчунин вазифаи иҷтимоии аҳли хонавода маҳсуб мешуморад ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кудак» яке аз воситаи тарбияи кудакон меҳисобад.

Қобилиятнокӣ, лаёқатмандии баргузида ва яккачин будани кӯдакону наврасон дар пешрафти шахсият ва ишғол намудани мақоми арзишманд як қатор имкониятҳоро таъмин намудааст. Дар илми

ҷомеашиносӣ қобилиятнокӣ ҳамчун сарвати ботинии шахс шинохта шудааст ва қобили қабул гардида, он дар иҷрои фаъолиятҳо зоҳир мегардад. Маҳз қобилиятро тарзи самарабахши иҷрои кӯдакон меҳисобад.

Барои аз худ кардани қобилияти эҷодӣ тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ тавсия медиҳад, ки бояд кӯдакон нишондиҳандаҳои зеринро ба даст оварда тавонанд:

1. Мусиқиро кӯдакон бояд аз аввал то охир гӯш карда тавонанд ва номгӯи асарҳои мусиқӣ, номҳои бастакоронро дар хотир нигоҳ доранд.

2. Мустақилона ҳаракатҳои рақсиро иҷро намуда, супоришҳои калонсолонро бо хушнудӣ дар сурудхонӣ ва рақс кардан пазироӣ намоянд.

Бозиҳои дидактикии мусиқӣ қисми таркибии машғулиятҳои тарбияи мусиқиро ташкил намуда, барои азхуд намудани барномаи таълимиву тарбиявии мусиқӣ мусоидат мекунанд. Ӯ иброз менамояд, ки бозӣ ба бача хурсандии бепоён мебахшад. Ин он хурсандиеро дар назар дорад, ки хурсандии ғолибият ва зебоипарастӣ таҷассум менамояд.

Онҳо дар раванди фаъолияти бозикунии кӯдакон ба инкишофи психикӣ, азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Таҳқиқоти марҳилаи ташхисӣ ва муқаррариро гузаронида, натиҷаҳои судбахш ба даст овардаст. Дар марҳилаи ташхисӣ-муқарраркунанда маълум гаштааст, ки истифодаи онҳо дар таълим, тарбия ва рушди қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон дар раванди машғулиятҳои мусиқӣ ва бозикунӣ хеле кам дида мешаванд. Инчунин дар таҳқиқоти худ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар кори озмоишии худ аз жанрҳои фолклорӣ барои рушди қобилияти эҷодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ истифода бурдан ва фаъолияти бозикунӣ ва рушди қобилияти эҷодии кӯдаконро ҳамчун таҳқиқот натиҷабардори намуда, ба мақсади хеш расидааст.

Таҳлили барномаи чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, сиёсӣ-фарҳангӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии МТТ нишон додааст, ки на ҳама вақт мазмуну муҳтавои онҳо ба имконияту хусусиятҳои синнусолии кӯдакон

мувофиқат мекунанд. Баъзан мазмун ва муҳтавои матнҳо ба дунёи маънавии калонсолон хос буда, оҳангу услуби иҷрои он барои кӯдакон мушкил ва хастакунанда гардиданро дар таҳқиқот пешниҳод намудааст.

Омӯхтан ва таҳлили таҷрибаи МТТ дар нақшаи барномаҳои (сенарияи) ташкилу баргузории идҳо бахшида ба санадҳои муҳимми таърихии кишвар мусобиқаҳои варзишӣ «О-фа-рин" иштирок дар озмуни "Ғунчаҳои санъат", бозӣ зери ҳамсароӣ ва ғайраҳо на танҳо ба тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, инчунин ба рушди маҳорату қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон таъсир расонидаро ибрози ақида намудааст.

Ҳангоми кори таҳқиқотӣ ба барномаи ҷашнвораҳои миллӣ "Наврӯз", "Сада", "Меҳргон", "Иди Артиши миллӣ" ва ғайраҳо зиёдтар бозиҳои халқӣ ворид карда шуданд. Махсусан, бозиҳои "Бандкашӣ", "Хурӯсҷанг", "Кӣ тезтар?" (давидан ва расидан ба марра) ва ғайраҳо барои кӯдакон шавқовару хотирмон бударо таҳти навои оҳанг пешниҳод намудааст.

Рамазонзода Давлат Сулаймон дар рисолаи илми барои исбот кардани илм якчанд сурудҳои бачагонаро ҳамчун бо тасвири нотаҳо истифода бурдааст.

Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар таҳқиқоти хуб иброз намудааст, ки дилхушиҳо, мусобиқаҳои варзишӣ, ба монанди дойра ва таблак ҳамчун асбобҳои мусиқӣ-зарбӣ зиёд истифода бурданро тавсия медиҳад. Асбоби мусиқии маъмул, дастрас, тантанавӣ ва махсус садодиҳанда қабул намуди истифода асбобҳои мусиқӣ ба монанди дойра ва таблак ва ғайра дар чорабиниҳои озмоишӣ вазифаи сарҷамъсозии кӯдакон ба ҳисоб меравад.

Дар ҷараёни ташкилу баргузории кори озмоишӣ дар гурӯҳҳои калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб, ки мақсади он ба инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон равона карда шуда буд, ба натиҷаи дилхоҳ Рамазонзода Давлат Сулаймон расидааст мазмун ва

шаклҳои ташкили фаъолияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакон тибқи талаботҳои заминаҳои барномавӣ-методии соҳа амалӣ гардонда шудааст.

Роҳбари илмӣ доктори
илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Б.

10.11.2025

Имзои Б. Маҷидоваро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.М.